«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент

________________ Иматзода Л.М.
25.05.2022 с.

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ иҷро шудааст. Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллозода Муҳаммад.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар он мазмун ва мақсади ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ бо дарназардошт вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, маълумоти илмӣ оид ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосирро дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ омӯхта ба низоми муайян даровардa, дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотиро бо мақсади аз ҷониби онҳо аз худ намудани техника ва технологияи мусоир дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва татбиқи онҳоро дар рафтори амалӣ истифода намуда, барномаи самараноки ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимиро кор карда баромада, дар амал татбиқ намуда, бо талаботи

имрӯзаи илми педагогика вобаста ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мувофиқ кардааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар коркарди воситаи ташхисӣ, таҳия ва пешниҳоди маводи мушаххас оид ба татбиқи имконияти мавҷудият ва сатҳи салоҳияту салоҳиятнокии волидайн, бунёди тавсияҳои истифодаи тарҳи самараноки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, истифодаи барномаи самараноки ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ, ки дар раванди таълим вобаста ба амалӣ намудани муҳити муосири таълимию тарбиявӣ истифода мегарданд, ифода меёбад.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[М-1] Мирбобоева Б. М. Нақши ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи кӯдак // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2013. - №3/3 (112). - С. 198 –200. - ISSN 2074 –1847.

[М-2] Мирбобоева Б.М. Нақши фарҳанги техникӣ дар рушди тафаккури насли наврас // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2014. - №3/7 (0148). – С. 273 -276. -ISSN 2074 –1847.

[М-3] Мирбобоева Б. М. Ҳамкории мактаб ва оила - омили муҳими рушди тафаккури эҷодии хонандагон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2015.- № 3/2 (162). – С. 246-249. -ISSN 2074 – 1847.

[М-4] Мирбобоева Б. М. Технологияи муосири таълим – омили тақвияти сифати таҳсилот дар мактаби камнуфус // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2019.- № 2 (26). – С. 261-266. -ISSN 2617 – 5620.

[М-5] Мирбобоева Б. М. Нақши технологияи иттилоотии муосир дар ташкили ҳамкорӣ байни оила ва мактаб - талаботи замон // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2019. -№ 4 (28). – С. 84 - 88. -ISSN 2617 – 5620.

[М-6] Мирбобоева Б. Ҳамкории мактаб ва оила – заминаи асосии ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагон дар омӯзиши технологияи муосир // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2020.- №1(34). С. 57-62. - ISSN 2222 – 9809.

[М-7] Мирбобоева Б. Истифодаи технологияи муосири таълим дар мактабҳои камнуфус // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе. 2020.- №2 (35). С. 93 - 97. - ISSN 2222 – 9809.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиён ҷаласаи васеи шуъба

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» баъд аз ислоҳи камбудиву эродҳои баёншуда ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 25.05.2022, протоколи №5 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 6 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 6 нафар, “Зид”- нест, “Бетараф”- нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои психологӣ,
мудири шуъбаи педагогика ва психологияи
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Абдурашитов Н.

Котиби ҷаласа, ходими илмии шуъбаи
педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи А.Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳасанзода Ю.

Имзои Н. Абдурашитов ва Ю. Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО